**СУРАТМАҶЛИСИ №108**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

31-уми январи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 13 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5-уми июли соли 2024 №224/шд) тасдиқ гардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар доктороии илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа гузаронида шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмудзода М.А. ва аъзои комиссия Имомзода Н.М., Шарифзода Ф.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба сифати муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Меликов Умрилло Асадуллоевич** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассис-масъули парвандаҳои махсусан муҳими Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсия карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 14-уми апрели соли 2026, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени беъэтибор - нест. **Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.